**Ба ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мӯҳтарам Хайрзода Ш.Қ.**

# МОНИТОРИНГ ОИД БА РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲА

“Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония” дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 2020

**Маълумоти умумӣ:**

Бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд/Бонки ҷаҳонӣ Созишнома оид ба маблағгузорӣ (гранти №D082-TJ) ва (кредити №5702-TJ) аз 7 августи соли 2015 ҷиҳати маблағгузории Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ба имзо расонида шуд.

Дар ин замина, ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълим ва мутобиқати он ба бозори меҳнат дар асоси натиҷаҳои озмун барои гирифтани грант байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии моолия ва иқтисоди Тоҷикистон Созишномаи грантӣ аз 30.11.2018, № 07/1 ҷиҳати маблағгузории лоиҳаи барномаи грантии озмунӣ «Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония»

**Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа:**

Мақсади лоиҳа ташкил намудани фазои таълимӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти азнавсозии стандартҳои таълимӣ, нақшаҳо, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо дар асоси принсипҳои Раванди Болония, инчунин ҳамгироии таълим, тадқиқот ва ҷорӣ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ дар амалияи бизнеси миллӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии лоиҳа иборатанд аз:

- Таҳия ва тасдиқи 6 номгӯи стандартҳои таълимӣ ихтисосҳои роиҷи донишгоҳ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, силлабусҳо ва китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои менеҷменти молиявӣ, менеҷменти инноватсионӣ, иқтисоди ҷаҳон, иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёна, таҳлили иқтисодӣ ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт.
- Гузаронидани тренингҳо дар асоси интихоби пешакии номзадҳои шавқманд ва то ҳадде тайёрбуда бо назардошти баробарии гендер.
- Таҳияи 2 номгӯи китоби дарсӣ «Соҳибкории инноватсионӣ» ва «Менеҷменти инноватсионӣ» бо ду забон.
- Ташкил ва баргузории озмуни «Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ» бо назардошти интихоби пешакии донишҷӯён, магистрон ва аспирантони донишгоҳ на кам аз 50 нафар.
- Амалигардонии на кам аз 4 беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ дар доираи фаъолияти бизнес-инкубатор, ки дар заминаи лоиҳа таъсис дода мешавад.
- Ташкили на кам аз 2 ширкати нави навовар ва пешкаш намудани на камтар аз 1 мол/хизматрасонии инноватсионӣ ба бозор.

**Қисматҳои лоиҳа/самтҳои асосии фаъолият:**

Компоненти 1 – Такмили барномаҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи чараёни Болония дар чаҳорчубаи интихоби бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

Компоненти 2 – Ташкили инфрасохтори муҳити таълимӣ-инноватсионӣ бахри татбиқ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

**Мухлати татбиқи лоиҳа:**

Оғози лоиҳа: 1 декабри соли 2018
Анҷоми лоиҳа: 30 ноябри соли 2020

**Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа:**

| № | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Сумма, сомонӣ | % |
|---|---|---|---|
| 1. | Маблағи грант | 2 293 111,00 сомони | 97,1% |
| 2 | Саҳми муассиса | 70 639,00 сомони | 2,9% |
| | **Ҳамагӣ** | 2 363 750,00 сомони | 100% |

**Шарҳи кӯтоҳ оид ба маблағгузорӣ:**

Дар давоми моҳи октябри соли 2020 ба суратҳисоби лоиҳаи грантӣ маблағи саҳми муассиса 14 129,00 сомонӣ ворид гардидааст.

Аз аввали татбиқ ба суратҳисоби лоиҳа 1 834 489,00 сомонӣ маблағи транши аввал ва дуюми грант ворид гардидааст, ки 80%-и маблағи умумии лоиҳаи грантро ташкил медиҳад. Инчунин 70 639,00 сомонӣ маблағи сахми муассиса ба суратҳисоби лоиҳаи гранти ворид гардидааст, ки ин 100%-и маблағи умумии саҳми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Маблағи умумии воридгардида ба суратҳисоби лоиҳаи гранти 1 905 128,00 сомонӣ мебошад.

**Азхудкунии маблағҳо (то 31.10.2020)**

Дар давоми моҳи октябри соли 2020 дар ҳаҷми 155 987,50 сомонӣ маблағи грант аз худ карда шудааст.

Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда аз оғози татбиқи лоиҳа ба 1 777 067,53 сомонӣ баробар аст, ки ин 75,9 % - и нақшаи молиявии аз аввали татбиқи лоиҳа (2 341 567,00 сомонӣ) пешбинишударо ташкил медиҳад.

Ҳисоботи молиявӣ замима мегардад.

**Ҳолати татбиқи лоиҳа:**

Дар давраи ҳисоботӣ, чорабиниҳои зерин амалӣ гардида, натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

| № | Номгӯи чорабиниҳои нақшавӣ | Шарҳи натиҷаҳо |
|---|---|---|
| **1.** | **Таҳияи стандартҳои таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо аз рӯи 6 ихтисос** | Бояд қайд намуд, ки ҳоло аз тарафи Лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ”-и ВМИЧТ роҳнамо оид ба таҳияи ҳуҷҷатҳои таълимӣ, аз он ҷумла стандарт ва нақшаҳои таълимӣ ва дигар маводҳои таълимӣ-методӣ таҳия гардида, дар рӯзҳои наздик аз тарафи Мушовараи ВМИҶТ тасдиқ мегардад. Мактуб оид ба аз нав дида баромадани стандартҳо ва дигар маводҳои таълимӣ-методӣ, ки аз тарафи лоиҳаи мазукр омад, маҳз мувофиқи ҳамин роҳнамо таҳия гардидани маводҳои таълимиро тақозо менамояд. Мактуби мазкур ба ҳамаи таҳиягарони стандартҳои таълимӣ ва дигар маводҳои таълимӣ-методии дар доираи лоиҳа таҳиягардида фиристода шуд ва аз тарафи таҳиягарон таҳия гардида истодаанд. Барои иҷрои фаъолияти мазкур аз тарафи гурӯҳи корӣ якчанд маротиба бо таҳиягарон вохурӣ ташкил гардид. Дар ин масъала мушовирони маҳаллӣ низ фаъолона иштирок карда истодаанд. Ҳоло ҳам корҳо дар ин самт давом доранд. |
| **2.** | **Таҳияи барнома ва мавод барои тренинг, гузаронидани тренинг бо иштироки** | Чуноне, ки пештар ёдовар шудем, дар масъалаи ташкил ва гузаронидани тренинг дар мавзӯи «Ташкил ва фаъолияти босамари Бизнез- |

| | | |
|---|---|---|
| | **мушовирони хориҷӣ** | инкубатор» бо иштироки мушовирони хориҷӣ корҳо аз тарафи гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи лоиҳа хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Бо намояндагони Донишгоҳи иқтисодии шаҳри Варнаи Булғористон гуфтушунид гузаронида шуд. Барномаи тренинги мазкур таҳия гардида, аз тарафи мушовирони хориҷӣ маводи тақсимкунанда ва презентатсияҳо омода гардиданд.<br>Аз 1 то 6 октябри соли 2020 тибқи нақшаи корӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи “Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония” бо иштироки коршиносони байналмилалӣ тренинги ом□зиш□ баргузор гардид. Мавз□и тренинги омӯзишӣ “Мустаҳкам намудани иқтидори бизнес-инкубатор дар ДДМИТ" буд. Дар тренинги мазкур беш аз 40 нафар иштирокчиён аз ҳисоби устодон ва доиншҷӯён иштирок намуданд. Тренинг аз шиносоӣ бо иштирокчиён, муайян кардани интизориҳои онҳо ва<br>қоидаҳои кор дар таълим о□оз гардид. Ба ғайр аз ин, дар давоми тренинг, гурӯҳи иштирокчиёни тренинг дар муҳокимаи ҳама мавзӯъҳо фаъолона ширкат варзиданд, аз таҷрибаҳои худ нақл карданд ва кӯшиш карданд аз мушовирони хори□□ ба саволҳои душвор ҷавоб ёбанд. Дар тренинг 8 мавзӯи асосӣ пешниҳод карда шуд, ки он аз назария ва машқҳои амалӣ иборат буд. Дар охирини тренинг ба ҳамаи иштирокчиён сертификатҳо супорида шуд.<br>Ҳамаи иштирокчиён маҷмӯи пурраи маводҳоро оид ба ҳар як мавзӯи омӯзишӣ ва тавсияҳоро оид ба таъсиси бизнес-инкубатор дар ДДМИТ ҷиҳати устувор кардани он баҳри ҳамкории донишгоҳ ва корфармо аз мушовирони хориҷӣ гирифтанд. |
| | **Сафари омӯзишии намояндагони донишгоҳ ба донишгоҳи шарики хориҷӣ (2 нафар)** | Тибқи Нақшаи татбиқи лоиҳа дар моҳи октябри соли ҷорӣ мебояд ду нафар намояндагони лоиҳа ба донишгоҳи шарики хориҷӣ сафари омӯзишӣ ба анҷом меравонданд. Муттаассифона, бо сабаби эълон гардидани пандемияи коронавирус ва баста шудани роҳи ҳавоӣ намояндагони лоиҳа натавонистанд ба донишгоҳи шарики хориҷӣ сафар кунанд. |
| **3.** | **Ташкил ва гузаронидани озмуни «Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ», интихоби ғолибони озмун** | Баъди ба онҷом расидани тренинг оид ба фаъолияти Бизнес-инкубатор дар донишгоҳ озмуни **«Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ»** бо иштироки тимҳои иборат аз устодони иштирокчии тренингҳо ва донишҷӯён эълон гардид. Аз тарафи гурӯҳи корӣ саволномаҳо доир ба пешниҳоди бизнес-ғояи инноватсионӣ ба ҳамаи иштирокчиёни озмун та□сим гардид. Озмун идома дорад. |

**Мушкилотҳое, ки ба рафти татбиқи лоиҳа таъсири манфӣ расонида истодаанд:**

Ягона мушкилие, ки ба фаъолияти лои□а таъсири манф□ мерасонад, ин эълон гардидани пандемияи коронавирус ва дар партави он бастани сар□адоти □амаи давлат□о мебошад. Гарчанде новобаста аз ин аъзе мушкил□ аллакай □алли худро ёфтааст, яъне фаъолияти мазкур ба таври онлайн сурат мегирад, аммо боз □ам баъзе фаъолият□ое □ам □астанд, ки он□о □алли худро намеёбанд ва он□оро амал□ кардан номумкин аст, масалан сафари хизматии намояндагони лои□а ба донишго□ит шарики хори□□. Умедворем, ки то ба охир расидани ва□ти лои□а ба мо фурсат фаро□ам мерасад, ки ин и□домро амал□ намоем.

**Мутахассис оид ба мониторинги лоиҳа** **Диловаров М.**

**02.11.2020**

*Замимаи №2*
Ба қарори Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

№221 аз “18” сентябри 2015 с.
тасдиқ гардидааст

# Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## Лоиҳаи грантии "Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония"

## Ҳисоботи молиявии татбиқи лоиҳа барои моҳи октябри соли 2020

***Маблағ бо сомонӣ***

| № | Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа | Рақам ва таърихи имзои созишномаи Грантӣ | Маблағи умумии лоиҳа аз руи созишнома | Нақшаи молиявӣ | | | Маблағи воридшуда | | | Маблағи азхудкардашуда | | | Маблағи боқимонда дар суратҳисобҳои лоиҳа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Дар моҳи ҳисоботӣ | Дар соли ҳисоботӣ | Аз аввали татбиқи лоиҳа | Дар моҳи ҳисоботӣ | Дар соли ҳисоботӣ | Аз аввали татбиқи лоиҳа | Дар моҳи ҳисоботӣ | Дар соли ҳисоботӣ | Аз аввали татбиқи лоиҳа | |
| 1 | Маблағҳои грантӣ | №07/1 аз 30.11. 2018с. | **2 293 111,00** | 4 920,00 | 1061742,00 | 2 270928,00 | - | - | 1 834 489,00 | 155 987,50 | 495 248,25 | 1 720 557,53 | 113 931,47 |
| 2 | Саҳми муассиса | | **70 639,00** | | 35 321,00 | 70 639,00 | 14 129,00 | 35 321,00 | 70 639,00 | - | 21 192,00 | 56 510,00 | 14 129,00 |
| **Ҳамагӣ:** | | | **2 363 750,00** | **4 920,00** | **1 097063,00** | **2 341567,00** | **14 129,00** | **35 321,00** | **1 905 128,00** | **155 987,50** | **516 440,25** | **1 777 067,53** | **128 060,47** |

**Ҳамоҳангсози лоиҳа** ______________________ ________________
Ному насаб имзо

**Муҳосиби лоиҳа** ______________________ ________________
Ному насаб имзо